**«Тасдиқ мекунам»:**
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ доктори илми филология, профессор
_____________ Шарифзода Ф.Х.
16 майи соли 2023

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Боборачабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти точик: равобити адабӣ. – Душанбе, 2023. – 168 с.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм**

Диссертатсияи номзадии Боборачабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти точик: равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Адабиётшиносии точик чанд соли охир дар масъалаи омӯхтани осори назмиву насрии адибони муосири точик, аз чумла асосгузори адабиёти муосири точик Садриддин Айнӣ ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст ва дар атрофи масоили алоҳидаи рӯзгор ва осори ин шахсияти бузурги асри XX як қатор асарҳо ба нашр расиданд. Бо вучуди он, дар ин самти таҳқиқ то ба ҳол чанбаҳои омӯхтанашудае мавчуданд, ки интизори пажӯҳиш мебошанд. Мавриди таҳқиқ қарор гирифтани ҳунари чеҳранигории устод Айнӣ яке аз чунин масъалаҳо ба шумор меравад. Аз ин чиҳат метавон мавзуи интихобнамудаи Боборачабова Гулноза Зиёвиддиновнаро мубрам ва муҳим ба шумор овард.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳамияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари унвонҷӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши таҳқиқоти олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси рисола, истифодаи бамавқеъ аз онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои муайян намудани ҷараёни ташаккули ҳунари чеҳранигории устод Айнӣ замина фароҳам овардааст.

Аҳамияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки ба омӯзиш, баррасӣ, таҳқиқ ва муайян кардани ҷараёни ташаккули ҳунари чеҳранигории устод Айнӣ бар мабнои осори насрии ӯ ҳамчун поягузори мактаби нависандагӣ дар адабиёти навини тоҷикӣ муносибат сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, кӯшиш шудааст, ки ҷараёни ташаккули ҳунари чеҳранигории устод Айнӣ дар марҳалаҳои гуногун ва сабабҳои он инъикос гардад.

Таҳқиқи мавзуи мазкур дар адабиётшиносӣ баҳри таҳқиқоти ҳамгун дар мисоли дигар нависанагон мусоидат менамояд. Ҳадафи асосии пажӯҳиш, пеш аз ҳама, таҳқиқи таҳаввул ва ташаккули сарнавиштҳову характерҳои гуногун ва фарогирии вусъатноки шинохти маърифати бадеии таърих дар тахайюлоти эҷодии С. Айнӣ, баррасӣ ва арзёбии консепсияи мушаххаси илмию эҷодӣ дар мисоли фардияти эҷодии нависанда ва қаринаи муайяни таърихии ташаккул ва таҳаввули насри муосири тоҷикӣ буда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки бозтоби шахсияти таърихию эҷодӣ, чеҳраи адабӣ, симои муаллиф ва афроди эҷодкор нишон дода шавад, биниши тафаккури бадеии нависанда ва равшан сохтани равишҳои ҳунарӣ дар осори насрии нависанда,

аз ҷумла дар «Ёддоштҳо» ошкор карда шавад, нақши равшанфикрон муайян карда шуда, баррасӣ ва арзёбии консепсияи мушаххаси илмию эҷодӣ собит гардад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна кори таҳқиқии анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархӯрдор мебошад. **Навгонии илмии** ин кори таҳқиқӣ дар он зоҳир меёбад, ки масъалаи консепсияи мушаххаси афкори адабӣ ҳамчун падидаи ҳунари эҷоди бадеӣ дар қаринаи муайяни таърихӣ ва ҷараёни насри муосири тоҷик бо диди тоза баррасӣ шуда, таъини фаъолияти адабии нависанда дар иртибот ба ҷанбаи ҳунарию фардияти эҷодӣ дар мисоли «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, дар пайвандии замону муҳити адабии давр, арзишҳои ҳунарӣ ба таври дисертатсионӣ таҳқиқ шудааст.

**Аҳамияти назарию амалии диссертатси** дар он зоҳир меёбанд, ки бори аввал консепсияи бадеию чеҳранигорӣ, ҷанбаҳои маърифатию зебоишинохтӣ, падидаҳои ҳунарӣ ва эҷодии осори насрии С. Айнӣ ва махсусан дар иртибот бо замон ва арзишҳои миллӣ дар «Ёддоштҳо» баррасӣ ва арзёбӣ мешавад. Илова бар ин, матолиби рисоларо метавон дар шаклгирии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба ҳунари чеҳранигорӣ, инчунин, дар таҳқиқи маҳорати нависандагии дигар чеҳраҳои адабии адабиёти муосир истифода намуд.

Диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ иборат буда, вобаста ба талаботи масоили баррасишаванда ҳар як боб дар навбати худ боз ба зербобҳо ҷудо карда шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия (С. 3-12) мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадафу объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашма, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ,

навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариву амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва амсоли инҳо баён гардидааст.

Боби аввали диссертатсия – «**Мушкилоти чеҳранигорӣ дар осори устод Садриддин Айнӣ»** (С. 13-52), аз ду фасл фароҳам омада, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки мушкилоти чеҳранигорӣ, марҳилаҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигориро дар осори устод Айнӣ нишон диҳад.

Муаллиф нахуст дар адабиёти тоҷик мақоми шоиставу арҷманд доштани осори устод Айниро таъкид карда қайд менамояд, ки барои масъалаи омӯзиши ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии осори бадеӣ, аз проблемаҳои муҳимму бунёдии адабиётшиносии муосир мебошад. Таҳқиқу баррасии муфассалу фарогири ин масъала, аз ҷумла, дар асарҳои алоҳидаи бузурги С. Айнӣ имкон медиҳад, ки мо ба коргоҳи эҷодии нависандагон ворид шавем ва хасоиси вежаи сабкию ҳунарии онҳоро ошкор созем (С.13).

Баъдан диссертант дар бораи дур мондани масоили муҳимми ҳунарӣ ва сабкию поэтикаи адабиёти реалистии садаи XX аз назари муҳаққиқон бо сабаби ҳукмронии мафкураи ҳизбӣ ибрози назар намуда, ба хулосае меояд, ки ин ҳодиса дар масъалаи муносибат ба осори С. Айнӣ ҳам мушоҳида мешавад. Диссертант ҳамчун далел аз таҳқиқоти адабиётшиносон М. Шакурӣ, Х. Асозода ва дигарон иқтибосҳо меорад.

Муаллиф бо мақсади нишон додани ҳунари чеҳранигории устод Айнӣ асарҳои хурд ва калонҳаҷми ӯро таҳлил менамояд. Аз ҷумла, дар ин боб қиссаи мустанади «Ҷаллодони Бухоро» таҳлил шуда, унвонҷӯ ба хулосае меояд, ки маҳорати чеҳранигории С. Айнӣ дар ин қисса хеле сайқал меёбад ва нависанда дар ин самти тасвири бадеӣ маҳорати баланд ва ҳунари хос доштани худро нишон додааст..

Боби дуюми диссертатсия – **«Бозтоби шахсияти таърихӣ ва симои рӯшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** (С.32-) низ аз ду фасл иборат буда, дар онҳо муаллиф дар бораи консепсияи бадеии насри муосир дар

мисоли таҷассуми симои равшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, бозтоби чеҳраи симои нависанда дар асарро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар таҳқиқи худ диссертант ба хулосае омадааст, ки аксар симоҳои дар «Ёддоштҳо» тасвиршуда бо фазлу камолоти инсонӣ мазмуну моҳияти афкори замонро ифода менамоянд. Таҳқиқи бадеии саҳифаҳои ҳаёти дурахшони халқ вобаста ба сарнавишти фардҳои баруманди он ифодагари робита ва идомаи наслҳо маҳсуб меёбад. Ин омил бар он боис мегардад, ки шахс қаробати худро ба халқ, ба таърих ва орзую умеди он эҳсос бикунад ва ормонҳои маънавиро асоси ҳар гуна фаъолият қарор бидиҳад.

Диссертант дуруст қайд кардааст, ки тасвири симои рӯшанфикрон ва зиёиёни пешқадам дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ба сифати падидаи тозаи ҳунарӣ дар насри муосири тоҷик шинохта шуда, ифодагари суннат ва анъанаҳои адабӣ, руҳия ва воқеияти замон мебошад..

Боби сеюми диссертатсия «**Таҳқиқи осори адабӣ, шинохти шахсият ва бозтоби симои Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** (С. 123-167) фарогири ду фасл буда, диссертант низоми таҳлили боби дувумро идома дода, дар он шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи ҳунарии Аҳмади Донишро дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ таҳлил менамояд.

Диссертант сарнавишт ва фаъолияти илмию эҷодии Аҳмад Махдуми Донишро бо диди фарох омӯхта, ба чунин натиҷаи дуруст мерасад, ки то замони таълифи «Ёддоштҳо» (1947-1954) осори аллома Аҳмад Махдуми Дониш ба аҳли ҷомеа дастрас ва шинос набуд ва дар шакли баргузида таҳия ва нашр нашуда буд. Бино бар ин, таваҷҷуҳи устод Айнӣ ҷиҳати шинохти шахсият ва бозтоби симои Аҳмади Дониш дар ёддоштҳои худ, дорои аҳамияти вижа буда, ӯро аз нахустин муҳаққиқон дар шинохти осор, шахсият ва симои ин донишманди бузург муаррифӣ кардааст.

Аз таҳлили диссертант маълум мегардад, ки дар «Ёддоштҳо» симои Аҳмади Дониш асосан дар ду боб: «Одами аҷиб» ва «Оби ганда ба хандақ» ба таври бадеӣ тасвир шудааст.

Ба риштаи таҳқиқ кашида шудани осори адабӣ ва илмии Расул Ҳодизода – “Аҳмади Дониш” (1967), киноповести “Сапедадам” (1970) ва сенарияи “Ситорае дар зулмот” (1971), романи дуҷилдаи «Ситорае дар тирашаб» ва «На ситораҳо мерезанд»-и ӯ ва дигар сарчашмаҳо диссертантро ба хулосае овардааст, ки Садриддин Айнӣ симои дурахшон ва фарҳангсолори бузурги халқи тоҷик буд ва аз афкори адабиву фалсафии мутафаккири бузурги халқи тоҷик Аҳмади Дониш баҳраҳо бардошта, бо равшанфикрон, озодандешон ва ҷадидон пайравӣ ва ҳамкорӣ намуда, аз нахустин муҳаққиқон дар шинохти осор, шахсият ва симои Аҳмади Дониш аст...

Дар ин боби рисола, инчунин, шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ нисбатан мукаммал нишон дода шуда, ҳадафи устод Айниро, ки диққати аҳли илму адабро ба таҳқиқи шахсият ва симои ҳунарии ин «доҳии модарзод» равона сохтан буд, равшану возеҳ мулоҳизаронӣ шудааст.

Ҳамин тавр, диссертант ба чунин натиҷа мерасад, ки С. Айнӣ аввалин тадқиқотчӣ ва мухлиси Аҳмади Дониш буд ва дар нигориши Айнӣ Аҳмади Дониш аз зумраи он шахсоне буда, ки ҳамчун «доҳии модарзод», "зоти бузург" ва "ситораи дурахшони осмони Бухоро" нурафшонӣ намуда, симои вай муҷассамаи ақлу хирад ва раҳнамои ҳаёт тасвир шудааст. Устод Айнӣ ба Дониш меҳру муҳаббат ва садоқати беандоза дошт ва тавассути шахсият ва симои ӯ пайванди замону наслҳо, робитаи рӯйдодҳои таърихӣ, анъанаву суннатҳои мардумӣ ва руҳияи мардумро идрок намуд.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Бобораҷабова Г.З. таҳқиқоти анҷомёфта ва дорои арзиши илмӣ ҳисоб ёфта, навоварияш дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи шахсият, симои наҷибу ҷовидона, консепсияи эҷодӣ ва ҷусторҳои ҳунарии устод С. Айнӣ дар бахши чеҳранигорӣ бори нахуст ба риштаи таҳлил кашида шудааст ва марҳилаҳои ташаккули шахсият ва чеҳраи ҳунарии Айнӣ бо зикри далелҳои ҷолиб равшан гардидааст.

Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаҳои тадқиқ ҷамъбаст шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо мухтасару мушаххас баён гардидаанд.

Дар баробари комёбиҳои фаровон дар диссертатсияи мавриди назар дар ҳолатҳои алоҳида ғалатҳо ва нуктаҳои баҳсталаб мушоҳида мешаванд, ки ба назари мо, ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси болоравии ҳусни таҳқиқоти мазкур хоҳад шуд:

1. Таносуби қисмҳои муқаддима баъзан риоя нашуда, дар бахши "Дараҷаи тадқиқи мавзуъ" таълифоти донишмандон бо рӯйхаи адабиёт истинод нашудааст. Ҳамчунин, дар ин бахш номи муҳаққиқон А. Кӯчаров (Кӯчарзода), М. Абдуллоев (Абдуллозода) ва Ҷ. Ҳамроев зикр шуда, дар рӯйхати адабиёт таълифоти онҳо зикр нашудааст.

2. Диссертант дар муқаддима дар бахши «**Асосҳои назарии таҳқиқ»** ба корҳои илмии олимону рус Михаил Михайлович Бахтин, Дмитрий Сергеевич Лихачев ва Геннадий Николаевич Поспелов ишора кардааст, вале дар рӯйхати адабиёт осоре аз онҳо қайд нашудааст.

3. Ҳаҷми боби сеюми рисола назар ба ду боби дигар калонтар аст, ки ин аз мавзуъҳои ҷудогонаеро ба фаслҳои боби мазкур ҷой додан ба амал омадааст. Хуб мешуд, ки боби мазкур бо каме ихтисор бо боби дувум якҷо мешуд.

4. Дисертант дар фасли аввали боби якум (С.15) ҷараёни ташаккули ҳунари чеҳранигории устод Айниро дар се марҳила муайян менамояд. Аммо дар диссертатсия марҳалаи сеюм зикр нашудааст.

5. Дар диссертатсия баъзан такрори фикр ва ҷумлаҳои якхела (С. 110; 121; 147 ва ғ.) ба мушоҳида мерасад, ки тасҳеҳи онҳо ҳусни матлабро хоҳанд афзуд.

6. Дар диссертатсия баъзан қоидаҳои имлои нави забони тоҷикӣ риоя нашудааст (саҳ. 23, 42, 70, 135...), инчунин ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 35, 91, 93, 95, 101 ва ғ.) ба назар расиданд.

Эродҳои фавқуззикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши пажӯҳиши мазкурро паст намегардонанд.

Мазмуни диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна таҳти унвони «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» бо автореферати он, ки ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудаанд, инчунин 7 мақолае, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дохилшаванда интишоркардаи муаллиф мувофиқ буда, муҳтавои тадқиқотро пурра инъикос мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** бо он собит мешавад, ки ӯ мутахассиси соҳаи адабиётшиносӣ буда, диссертатсия бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф комилан мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик: равобити адабӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

**Хулоса,** диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна бо номи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик: равобити адабӣ таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267- ум тасдиқ шудааст, инчунин ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик: равобити адабӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси васеи шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ бо иштироки диссертант Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 10 нафар устодон иштирок намуда, 10 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”- 10 нафар, “бетараф”- нест, “муқобил”– нест. Протоколи №5 аз 16.05. 2023.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илми филология, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ — Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа

**Эксперт:**
номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ — Набиев Абдухолиқ Мирзоевич

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Шарифзода Л.А

**Имзоҳои Забеҳулло Б.С., Набиев А.М., ва Шарифзода Л.А.-ро тасдиқ менамоям:**

Нозири калони кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ — Нарзиқулова Ҳ.М.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21,
Тел.: (+992 37) 227 29 07;
Факс: (992) 37227 11 70;
E-mail: iza_rudaki17@mail.com

«16» майи соли 2023